# СОЗИШНОМА
## байни Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи нуқтаҳои гузаргоҳ дар сарҳади давлатии Тоҷикистону Хитой ва речаи кори онҳо

Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки минбаъд «Тарафҳо» номида мешаванд,

бо мақсади тақвият бахшидан ва рушди муносибатҳои дӯстонаи ҳар ду давлат ва дӯстии анъанавии ҳар ду мардум,

ҷиҳати мусоидат ба рушди робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ,

зарур мешуморанд созишномаи навро оид ба нуқтаҳои гузаргоҳ дар сарҳади давлатии Тоҷикистону Хитой ва речаи кори онҳо ба имзо расонанд,

дар асоси принсипи баробарӣ ва манфиати мутақобила,

ба мувофиқаи зайл расиданд:

### Моддаи 1

Дар Созишномаи мазкур зери мафҳуми нуқтаҳои гузаргоҳи сарҳадӣ, ҳудуди махсус дар назар дошта шудааст, ки дар сарҳади давлатии Тоҷикистону Хитой ҷойгир шуда, таҳти назорати мақомоте, ки аз ҷониби қонунгузории миллии Тарафҳо барои ворид ва хориҷ шудани шаҳрвандон, воситаҳои нақлиёт, борҳо ва молҳо муқаррар шудааст, фаҳмида мешавад.

### Моддаи 2

1. Тарафҳо розӣ шуданд нуқтаҳои гузаргоҳи байналмилалиро оид ба ҳамлу нақли автомобилӣ, мусофиркашӣ ва боркашии Кулма (Ҷумҳурии Тоҷикистон) – Қаросу (Ҷумҳурии Халқии Хитой) кушоянд. Нуқтаҳои зикргардида тамоми сол барои ворид ва хориҷ шудани шаҳрвандон, воситаҳои нақлиёт, борҳо ва молҳои Тарафҳо ва давлатҳои (минтақаҳои) сеюм кушода аст.

2. Нуқтаҳои зикргардидаи гузаргоҳҳо аз тарафи Тоҷикистон – дар ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, аз тарафи Хитой – дар Тошқӯрғон – Уезди мухтори тоҷикии округи Қашғари ноҳияи мухтори Синсзян-Уйғури Ҷумҳурии Халқии Хитой ҷойгир карда мешаванд.

Моддаи 3

1. Санаи ифтитоҳи расмии нуқтаҳои гузаргоҳи Кулма (Ҷумҳурии Тоҷикистон) – Қаросу (Ҷумҳурии Халқии Хитой) ба таври иловагӣ тавассути роҳҳои дипломатӣ пас аз ҷониби Тарафҳо анҷом додани расмиёти дохилидавлатӣ ва сохтори дахлдор муайян карда мешавад.Нуқтаҳои зикргардидаи гузаргоҳ доимоамалкунанда мебошанд, вале мӯҳлати мушаххаси фаъолияти солона ва реҷаи ҳамарӯзаи кори онҳо дар асоси қонунгузории миллии Тарафҳо тавассути мувофиқаи байни мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати халқии ноҳияи мухтори Синсзян-Уйғури Ҷумҳурии Халқии Хитой тибқи вазъи воқеии шароити табиӣ ва шароити номусоиди обу ҳаво дар маҳалҳо муайян карда мешаванд.

2. Нуқтаҳои зикргардидаи гузаргоҳҳо дар рӯзҳои ид ва рухсатиҳои аз ҷониби қонунгузории миллии Тарафҳо муқарраргардида баста мешаванд. Мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати халқии ноҳияи мухтори Синсзян-Уйғури Ҷумҳурии Халқии Хитой на дертар аз 31 декабри ҳар сол ҳамдигарро оид ба нақшаи идҳо ва рухсатиҳои давлати худ барои соли оянда, ки бо қонунгузории миллии онҳо муқаррар карда шудааст, огоҳ месозанд.

3. Дар дигар рӯзҳо нуқтаҳои зикргардида ҳар ҳафта аз рӯзи душанбе то рӯзи ҷумъа фаъолият мекунанд.

Моддаи 4

Дар сурати зарурати кушодани нуқтаҳои гузаргоҳи нав, бастани нуқтаҳои гузаргоҳи амалкунанда, тағйир додани гурӯҳҳои онҳо ё иваз намудани макони ҷойгиршавӣ ва мӯҳлати ифтитоҳи онҳо, Тарафҳо тавассути роҳҳои дипломатӣ оид ба мубодилаи ёддоштҳо ба мувофиқа меоянд. Ҳуҷҷатҳо оид ба созиши мутақобилаи Тарафҳо, иловаҳо ба Созишномаи мазкур маҳсуб меёбанд.

Моддаи 5

Шаҳрвандони Тарафҳо ва ашхоси давлати (минтақаҳои) сеюм ҳангоми вуруд ва хориҷ шудан тавассути нуқтаҳои гузаргоҳ, ки дар Моддаи 2 Созишномаи мазкур пешбинӣ шудааст, бояд бо худ шиносномаи амалкунанда ё ҳуҷҷатҳои гузариши байналмилалӣ дошта бошанд, ки барои

иваз намудани шиносномаҳо эътибор доранд. Дар сурати зарурат, ба расмият даровардани раводид тибқи созишномаҳои дахлдор амалӣ мегарданд.

Моддаи 6

Масъалаҳои вобаста бо ҳамлу нақли автомобилии байнисарҳадии Тарафҳо, тибқи Созишномаҳои басташудаи байни Тарафҳо ҳал карда мешаванд.

Моддаи 7

Шаҳрвандони Тарафҳо, ашхоси давлати (минтақаҳои) сеюм, ки тавассути нуқтаҳои гузаргоҳ мегузаранд ва дар қаламрави Тарафи дигар қарор доранд, бояд қонунгузории миллии давлати будубошро риоя намоянд.

Моддаи 8

1. Ҳар як Тараф метавонад бо мақсади ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятии худ ва амнияти давлатӣ ё дар сурати офатҳои табиии ҷиддӣ, эпидемияҳо ё дигар ҳолатҳои ғайричашмдошт муваққатан нуқтаи гузаргоҳро бандад ё гузаришро тавассути нуқтаҳои гузаргоҳ маҳдуд созад. Бинобар ин, яке аз Тарафҳо бояд дар муддати на камтар аз панҷ шабонарӯз ё дар ҳолатҳои фавқулодда дар муддати на камтар аз 24 соат Тарафи дигарро огоҳ намояд.

2. Ба истисноии ҳолатҳое, ки дар банди 1 моддаи мазкур пешбинӣ шудааст, ҳар яке аз Тарафҳо, ки нуқтаи гузаргоҳро мебандад ё кушодашавии онро ба таъхир меандозад ва ба Тарафи дигар зарар мерасонад, бояд ҷуброни зарари расонидашударо пардохт намояд.

Моддаи 9

Тарафҳо бояд дар як вақт бо сохтани нуқтаҳои гузаргоҳ аз рӯи инфрасохтор ва иншооти назоратию санҷишӣ бо мақсади такмили шароитҳои гузаргоҳ ва баланд бардоштани қобилияти иҷозатномадиҳии нуқтаҳои гузаргоҳ машғул шаванд. Банақшагирӣ ва сохтмони иншоот дар нуқтаҳои гузаргоҳ бо дарназардошти талаботи рушди дурнамоии онҳо сурат мегирад.

Моддаи 10

1. Мақомоти назоратию санҷишии нуқтаҳои гузаргоҳи Тарафҳо, вазифаҳои хизматии худро тибқи қонунгузории миллии худ ва

созишномаҳои дахлдори Тарафҳо ба роҳ мемонад. Ҳангоми зарурат, Тарафҳо ё мақомоти назоратию санҷишии Тарафҳо пас аз гирифтани ваколат, ки аз ҷониби қонунгузории миллӣ пешбинӣ шудааст, метавонанд масоили вобаста ба соддагардонии расмиёти дахлдорро ба мувофиқа расонанд.

2. Мақомоти назоратию санҷишии нуқтаҳои гузаргоҳи Тарафҳо метавонанд байни худ тартиби гуфтушунид, вохӯрӣ ва робитаҳои тиҷоратиро муқаррар намоянд.

Моддаи 11

Бо мақсади иҷрои самарабахши Созишномаи мазкур мақомоти идоракунандаи нуқтаҳои гузаргоҳи Тарафҳо ва маъмурияти маҳалҳо метавонанд механизмҳои дахлдори ҳамкориро барои фаъол намудани ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкорӣ, баррасӣ ва таҳияи чораҳо оид ба баланд бардоштани самарабахшии иҷозатдиҳии нуқтаҳои гузаргоҳ ва ташкили татбиқи онҳоро таъсис диҳанд.

Моддаи 12

Созишномаи мазкур ҳуқуқу ӯҳдадориҳое, ки аз дигар шартномаҳои байналмилалӣ бармеоянд ва Тарафҳо иштирокчии онҳо мебошанд, дахл намекунад.

Моддаи 13

Дар сурати зарурат, Тарафҳо метавонанд дар асоси розигии дуҷониба ба Созишнома бо протоколи алоҳида тағйиру иловаҳо ворид намоянд, ки ҷузъи таркибии Созишномаи мазкур ба ҳисоб меравад.

Моддаи 14

Аз рӯзи эътибор пайдо намудани Созишномаи мазкур дарҳол эътибори «Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи нуқтаҳои гузаргоҳ дар сарҳади давлатии Тоҷикистону Хитой ва реҷаи кори онҳо» аз 2 сентябри соли 2003 қатъ мегардад.

Моддаи 15

Созишномаи мазкур аз рӯзи гирифтани огоҳномаи хаттии охирин оид ба иҷро гардидани расмиёти дохилидавлатии ҷиҳати мавриди амал қарор гирифтани он зарурбуда, эътибор пайдо менамояд.

Созишномаи мазкур ба мӯҳлати панҷ сол баста мешавад ва худ аз худ ба панҷсолаҳои минбаъда тамдид мегардад, агар ягон Тараф ба таври хаттӣ Тарафи дигарро дар муддати шаш моҳ то ба охир расидани мӯҳлати панҷсолаи навбатӣ оиди нияти қатъ кардани амали ин Созишнома огоҳ намояд.

Дар шаҳри Душанбе « 29 » декабри соли 2011 ҳар кадом дар ду нусхаи асл бо забонҳои хитоӣ, тоҷикӣ ва русӣ ба имзо расид ва ҳамаи матнҳо эътибори якхела доранд. Дар мавриди пеш омадани ихтилофот дар тафсири муқаррароти Созишномаи мазкур ба матни русӣ афзалият дода мешавад.

| | |
|---|---|
| **Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой** | **Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** |